«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти давлат ва ҳуқуқи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_____ Мирзозода П. З.
"08" _____ соли 2026

ХУЛОСАИ
шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Ба диссертатсияи Ҳабибзода Сиёвуш Изатулло дар мавзуи «Ташаккул ва рушди фаъолияти Бозрасии давлатии автомобилӣ дар Тоҷикистон» (тадқиқоти таърихӣ – ҳуқуқӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 - Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат).

Диссертатсия дар шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Ҳабибзода Сиёвуш Изатулло (докторант PhD)–и Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовиддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Ҳабибзода С.И. соли 2012 ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналхалқӣ тариқи Квотаи Президентӣ дохил шуда, онро соли 2017 бо ихтисоси таърих ва ҳуқуқ хатм намуд. Пас аз хатми донишгоҳ барои идомаи таҳсил соли 2017 ба магистратураи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дохил шуда, соли 2019 зинаи мазкурро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм кардааст.

Номбурда бо амри Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 16 - уми сентябри соли 2019 таҳти №205 ба ҳайси докторанти шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ аз рӯи дараҷаи доктори фалсафа (PhD), аз

рӯйи ихтисоси 6D030100 - Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) қабул шуда, онро бо амри Президенти АМИТ аз 26 - уми июли соли 2022, №30001/23-338 бо супоридани имтиҳони давлатӣ хатм кардааст.

Мавзуи диссертатсия бо қарори Шурои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовиддинови АМИТ аз 20 октябри соли 2020, таҳти №9 тасдиқ гардидааст. Роҳбари илмӣ – Назарзода Носир Ҷобир, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи Ташкили идоракунии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи факултети рақами 1–и Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Номбурда мутобиқи нақшаи таълимии Раёсати омодакунии кадрҳои илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 180 кредитро аз худ намуда, имтиҳони маҷмӯиро супоридааст ва соҳиби транскрипт (маълумотномаи академӣ) гардидааст.

Диссертатсияи Ҳабибзода Сиёвуш Изатулло дар ҷаласаи шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 25 августи соли 2026, №6 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Ташаккул ва рушди фаъолияти Бозрасии давлатии автомобилӣ дар Тоҷикистон» чунин хулоса қабул карда шуд:

1. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия. Диссертатсияи Ҳабибзода Сиёвуш Изатулло дар мавзуи «Ташаккул ва рушди фаъолияти Бозрасии давлатии автомобилӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 - Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат), ки бо (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591), тасдиқ гардидааст, ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия мутобиқат менамояд.

2. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ. Мавзуъ ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию

техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, №503 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2025» тасдиқ шудааст (банди 9 – масъалаҳои марбут ба таърихи халқи тоҷик (таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон) ва масъалаҳои ҳуқуқшиносӣ), мутобиқ мебошад. Таҳқиқот дар доираи мавзуи корҳои илмию таҳқиқотии шуъба: «Нақши ниҳодҳои ҳуқуқӣ ва давлатдории шуравӣ дар ташаккули давлатдории Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон (2018 – 2022)» ва «Фарҳанги ҳуқуқии ниёгон ва нақши он дар ташаккули ҳуқуқ ва давлатдории муосири тоҷикон» (2023 – 2027) сурат гирифтааст.

3. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 15 маводи илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, ки ҳаҷми умумии онҳо 10 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад. Интишороти мазкур муҳтаво ва моҳияти диссертатсияро фаро мегиранд, автореферат мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунад. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 10 - и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

4. Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ. Натиҷаҳои илмӣ дар мақолаҳои илмии нашргардида ва маърузаҳои илмӣ дар конфронсу симпозиумҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ироа шудаанд.

5. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ. Саҳми довталаб дар он ифода меёбад, ки муаллиф мустақилона таҳқиқоти диссертатсиониро анҷом дода, аз уҳдаи вазифаҳои гузошташуда баромадааст. Дар асоси таҳлили ақидаҳои олимон ва омӯзиши сарчашмаҳои зиёд хулосаҳои худро баён намудааст. Тафсири нави илмӣ – ҳуқуқии категорияҳои «Бехатарии ҳаракат дар роҳ» ва «Таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ» пешниҳод гардидааст, ки омехташавии мафҳумҳои «натиҷа» ва «раванд» – ро бартараф намуда, масъулияти муштараки мақомоти давлатӣ ва ҷомеаро дар се марҳила (пеш аз садама, ҳангоми садама, баъд аз садама) мустаҳкам мекунад. Даврабандии нави илман асоснокшудаи 7 – марҳилавии таърихи ташаккул ва рушди Бозрасии давлатии автомобилӣ дар Тоҷикистон (аз соли 1924 то замони муосир) муайян карда

шудааст. Механизми нави танзими ҳуқуқии мухити рақамии ҳаракат дар роҳ ва легализатсияи назорати зеҳнӣ (интеллектуалӣ) таҳия гардида, модели нави маъмурӣ – ҳуқуқии арзёбии фаъолияти мақомоти ваколатдор дар асоси Нишондиҳандаҳои калидии самаранокӣ (KPI) асоснок карда шудааст.

Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, мукаддима, се боб, нӯҳ зербоб (параграф), хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Сохтор ва ҳаҷми он ба мавзуъ, объект, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат мекунад.

Вобаста ба мавзуи таҳқиқот аз ҷониби довталаб 15 маводи илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст. Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

т/т	**Номи маводи илмӣ**	**Иқтибос ба маводи илмӣ тибқи ГОСТ**	**Пайванд (линк) ё DOI**	**Ҳаммуаллифон (насаб, ном, номи падар)**
1. Мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон				
	Мақомоти полис дар минтақаҳои шимолии Тоҷикистон	Ҳабибов С.И. Мақомоти полис дар минтақаҳои шимолии Тоҷикистон // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2019. – № 3 (31). – С. 195–198. – ISSN 2305–0535.	—	—
	Нозироти тартиботӣ дар Бухоро ва Бухорои шарқӣ	Ҳабибов С.И. Нозироти тартиботӣ дар Бухоро ва Бухорои шарқӣ // Гузоришҳои АИ ҶТ. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2019. – № 3 (007). – С. 56–60. – ISSN 0002–0000.	—	—
	Таъсис ва фаъолияти шуъбаи тафтишотӣ	Ҳабибов С.И. Таъсис ва фаъолияти шуъбаи тафтишотӣ // Гузоришҳои АИ ҶТ. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2019. – № 4 (008). – С. 158–163. – ISSN 0002–0000.	—	—
	Нақши мақомоти тафтишотӣ дар ошкор намудани ҳодисаҳои роҳу	Ҳабибов С.И. Нақши мақомоти тафтишотӣ дар ошкор намудани ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ // Маҷаллаи	—	—

	наклиётӣ	академии ҳуқуқ. – 2021. – № 3 (39). – С. 186–190. – ISSN 2305–0535.		
	Ташаккул ва рушди фаъолияти «Шаҳри бехатар» дар таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳои шаҳри Душанбе	Назарзода Н.Ч., Ҳабибов С.И. Ташаккул ва рушди фаъолияти «Шаҳри бехатар» дар таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳои шаҳри Душанбе // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – № 3. – С. 237–245. – ISSN 2413–5151.		Назарзода Носир Ҷобир
	Мафҳуми бехатарии ҳаракат дар роҳ тибқи сарчашмаҳои ҳуқуқӣ	Ҳабибов С.И. Мафҳуми бехатарии ҳаракат дар роҳ тибқи сарчашмаҳои ҳуқуқӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. – № 1. – С. 232–238. – ISSN 2413–5151.	—	—
	Заминаҳои таърихӣ–ҳуқуқии пайдоиш ва рушди бозрасии давлатии автомобилӣ дар Тоҷикистони Шуравӣ	Ҳабибов С.И. Заминаҳои таърихӣ–ҳуқуқии пайдоиш ва рушди бозрасии давлатии автомобилӣ дар Тоҷикистони Шуравӣ. // Паёми ДМТ (Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). – 2023. – № 11. – С. 277–285. – ISSN 2413–5151.	—	—
	Заминаҳои таърихӣ–ҳуқуқии пайдоиш ва рушди бозрасии давлатии автомобилӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол	Ҳабибов С.И. Заминаҳои таърихӣ–ҳуқуқии пайдоиш ва рушди бозрасии давлатии автомобилӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол. // Паёми ДМТ (Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). – 2024. – № 1. – С. 249–256. – ISSN 2413–5151.	—	—
	Нақши Раёсати Бозрасии давлатии автомобилӣ дар таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ, сулҳу амният ва ваҳдати миллӣ дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ	Ҳабибов С.И. Нақши Раёсати Бозрасии давлатии автомобилӣ дар таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ, сулҳу амният ва ваҳдати миллӣ дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – № 4 (47). – С. 313–322.	—	—
2. Мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои дигари тақризшавандаи нашрҳои байналмилалӣ				
	—	—	—	—
3. Мақолаҳо ва фишурдаи маърузаҳо дар конференсияву симпозиумҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ				
0	Иҷлосияи XVI–уми Шурои олӣ – омили асосии рушди конунгузорӣ дар самти бехатарии ҳаракат дар роҳ	Ҳабибов С.И. Иҷлосияи XVI–уми Шурои олӣ… // Маводи конф. ҷумҳуриявии илмӣ–амалӣ (Душанбе, 10.11.2022). – Душанбе: ДДЗТ ба номи С. Улуғзода, 2022.	—	—

1	Ҳамкории мақомоти БДА бо ташкилотҳои давлатию чамъиятӣ дар таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳо	Ҳабибов С.И. Ҳамкории мақомоти БДА бо ташкилотҳои давлатию чамъиятӣ… // Маводи конф. ДДМИТ (Душанбе, 24–29.04.2023). – Душанбе, 2023. – С. 475–477.	—	—
2	Дастовард ва инкишофи мақомоти БДА дар замони сохибистиқлолӣ	Ҳабибов С.И. Дастовард ва инкишофи мақомоти БДА… // Маводи конф. ДДМИТ (Душанбе, 24–29.04.2023). – Душанбе, 2023. – С. 483–486.	—	—
3	Таърихи ташаккул ва рушди қоидаҳо ва аломатҳои роҳ	Ҳабибов С.И. Таърихи ташаккул ва рушди қоидаҳо ва аломатҳои роҳ // Маводи конф. умумидонишгоҳӣ (Душанбе, 2024). – Душанбе, 2024. – С. 794–797.	—	—
4	Ҳамкории БДА бо вазорати тандурустӣ дар таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳо	Ҳабибов С.И. Ҳамкории БДА бо вазорати тандурустӣ… // Мачмӯи мақолаҳои конф. умумидонишгоҳӣ (Душанбе, 21–26.04.2025). – Душанбе, 2025. – С. 56–60.	—	—
5	Генезиси таърихӣ–ҳуқуқии танзими ҳаракат ва таъмини бехатарии роҳ дар Осиёи Марказӣ: аз даврони бостон то асрҳои миёна	Ҳабибов С.И. Генезиси таърихӣ–ҳуқуқии танзими ҳаракат… // Маводи конф. «Илми ҳуқуқшиносӣ дар 75 сол…» (Душанбе, 10.04.2026). – Душанбе: АМИТ, 2026.	—	—

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Ҳабибзода Сиёвуш Изатулло дар мавзуи «Ташаккул ва рушди фаъолияти Бозрасии давлатии автомобилӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 - Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) таҳқиқи анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Ҳабибзода Сиёвуш Изатулло дар мавзуи «Ташаккул ва рушди фаъолияти Бозрасии давлатии автомобилӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 - Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои

диссертатсионии 6D.КОА –090 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон тавсия дода шавад.

3. Аз шурои диссертатсионии 6D.КОА –090 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон хоҳиш ба амал оварда мешавад, ки қарори шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ ба инобат гирифта шавад.

Хулоса дар ҷаласаи шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ санаи 25 августи соли 2026, №6 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 12 нафар (рӯйхат замима мегардад).

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12 нафар, «зид» – 0, «бетараф» – 0 нафар.

Раиси ҷаласа:
Мудири шуъбаи таърихи давлатв ва ҳуқуқи
Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Буризода Э.Б.

Котиби ҷаласа:
Лаборанти калони шуъбаи таърихи давлат ва
ҳуқуқи Институти давлат ва ҳуқуқи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Мирзоева С.С.

Имзохои проф. Буризода Э.Б. ва С.С. Мирзоевароро тасдиқ мекунам
Нозири калони шуъбаи кадрҳои
ИДҲ–и АМИТ Давлатмуродзода Б.Д.
«15» 08 2026 с.

Суроға: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 19,
Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ
Тел.: 221–65–72, факс: 221–65–85
Почтаи электронӣ: idh@agmail.tj
Сомонаи Интернетӣ www. Idhamit.tj